Н-32



Аа Бб





# ТУ АКНУН КАЛОН ШУДӢ!...





2+1=3

1, 2, 3, 4, 5

Мы тоу 2
Н-32




# ТУ АКНУН КАЛОН ШУДӢ!...

**Санҷиши зеҳнии кӯдакони 6-7-сола**



Душанбе
"Бебок"
2010

ББК 74. 105

Т-51

Мураттибон:

Гулсара Авазова
Дилшоди Саидзод

Т-51 Ту акнун калон шудӣ!...
-Душанбе: <<Бебок>>, 2010 с.,

Маҷмӯаи мазкур барои бачаҳои синни томактабӣ ва синни хурди мактаби пешбинӣ шудааст.

723

ISBN - 978-99947-796-1-1

© ЧДММ «Бебок», 2010

## Омӯзгорон ва
## волидони мӯҳтарам!

*Кӯдак бояд барои ба мактаб рафтан омода бошад. Маводи ин китоб дараҷаи қобилияти зеҳнии кӯдакони шуморо муайян мекунад ва ривоҷ медиҳад. Мо умедворем, ки ин китобча барои шумо дастури ёрирасон хоҳад шуд.*



1

Ду пуфакро бо ранги сурх, як пуфакро бо ранги кабуд ва боқимондаро бо ранги сабз оро диҳед!

***Мақсад:*** ба кӯдак рақамҳои 2 ва 3-ро ёд додан, бо ранг кор карданро омӯзонидан.





**2**

Аввал ба тарафи рости нақша нигоҳ кунед. Нуқтаҳои дохили чоркунҷаҳоро ҳисоб кунед. Дар тарафи чап суратҳо кашида шудаанд. Расмҳоро низ ҳисоб кунед. Баъд бо хат расмҳоро мувофиқи шумораашон пайваст намоед.

***Мақсад:*** ба кӯдак адади 5-ро шиносонидан ва аз 1 то 5 шумурданро ёд додан.



3

Ба расм бодиққат нигоҳ кунед. Дар расм адади 1 ва 2 тасвир шудаанд. Дар дохили доираҳо расми ашёҳоро мебинед. Аз рақами 1 ба тарафи доирачаҳое, ки як ашё ва аз рақами 2 ба тарафи доирачаҳое, ки 2 ашё доранд, хат кашед.

***Мақсад:*** ба кӯдак адади 1 ва 2-ро ёд додан.




4

Нӯки қаламро аз қоғаз нагирифта аз рӯйи хатчаҳо нақшаҳоро кашед.

Лӯхтакро ранг кунед.

***Мақсад:*** ба кӯдак бо хати мунфасил кор карданро омӯзонидан.





**5** Расмҳои дохили доираҳоро ҳисоб кунед. Дар кадом доирача чор ашё бошад, хат кашида, бо рақами 4 пайваст намоед.

***Мақсад:*** то 5 шумурданро ёд додан.



**6**

Дар зер чор нақша ҳаст. Кунҷҳои ҳар як нақшаро ҳисоб карда, номи нақшаҳоро бигӯед. Сипас, бо қалам аз рӯйи хатчаҳо нақшаҳоро бикашед. Панҷкунҷаро бо ранги сабз, боқимондаашро бо ранги дилхоҳ ранг кунед.

***Мақсад:*** кӯдакро бо нақшаҳои ҳандасӣ (геометрӣ) шинос намудан.



**7**

Дар катаки дафтар чоркунҷаҳо кашида шудаанд. Дар нақшаи аввал як катак партофта, дар зери чоркунҷаҳо доирачаҳо бикашед. Дар нақшаи дуюм низ як катак партофта, айнан ҳамин хел чоркунҷаҳоро кашед. Вале шумораи чоркунҷаҳо бояд якто кам бошад.

***Мақсад:*** дар хонаҳаҳои дафтар хат кашиданро ёд додан.





8

Расмро бодиққат нигоҳ кунед. Дар расм чизи аз ҳама бузург ва чизи аз ҳама хурд кадом аст? Сипас, як расми дилхоҳро ранг кунед!

***Мақсад:*** Дараҷаи тахайюлоти кӯдакро фаҳмидан ва қобилияти тафаккури ӯро бедор намудан.



9

Сангпуштҳоеро, ки ба тарафи рост мераванд, дар чоркунҷа бо як хати рост ишора бояд кард. Моҳиҳои ба тарафи чап шинодоштаро ранг диҳед.

***Мақсад:*** кӯдак тарафҳоро шиносад ва нишон дода тавонад.



**10**

Аввал бо қалам мӯҳраҳоро кашед. Мӯҳраҳои рақами 1-ро бо ранги сурх, 2-ро бо ранги кабуд ва 3-ро бо ранги зард ранг диҳед.

***Мақсад:*** такрори ададҳои 1, 2, 3.




**11**

Дар чоркунҷа чанд расм бошад, ҳамон қадар доирачаи паҳлӯи онро ранг кунед.

***Мақсад:*** то рақами 6 ҳисоб карданро омӯзондан.



**12**

Қаламҳои борик чандтоанд? Қаламҳои борик чандто, ки бошанд, ҳамон қадар секунҷаҳои қатори аввалро ранги сабз диҳед. Қаламҳои ғафс чанд-то? Каламҳои ғафс чандто бошанд, ҳамон қадар секунҷаҳои қатори поёнро ранги зард диҳед.

***Мақсад:*** ба кӯдак муқоиса кардани ашёҳоро аз рӯйи ғафсиву борикӣ омӯзондан.



**13**

Тасмаҳои дароз чандто? Тасмаҳои дароз чӣ қадаре, ки бошанд, ҳамон қадар чоркунҷаҳои болоро бо қалами кабуд ранг диҳед. Баъд, тасмаҳои кӯтоҳро ҳисоб карда, ҳамон миқдор доирачаҳои зерро ранги сурх диҳед.

***Мақсад:*** ба кӯдак шинохтан ва муқоиса карда тавонистани ашёҳои дарозу кӯтоҳро ёд додан.



14

Ба ҷойи аломати ? кадом нақшаи қатори поёнро гузорем, ки тартиби нақшаҳо дуруст шавад?

***Мақсад:*** дараҷаи пешравии тафаккурии мантиқии кӯдак ва муқоисаи фазогии ӯро муайян намудан.



15

Ба ҳар як ресмон ҳамон миқдор мӯҳра илова кунед, ки шумораашон ба мӯҳраҳои дохили чоркунҷа баробар шавад.

***Мақсад:*** то рақами 7 ҳисоб карданро омӯзонидан.





**16** Дар ин саҳифа расми чиро мебинед? Онҳоро бо рангҳои гуногун оро диҳед.

***Мақсад:*** то 4 ҳисоб карданро такрор намуда, зеҳни кӯдакро пурқувват кардан. Кӯдак аз байни анбӯҳи ашёҳо чизи даркориро ҷудо карда тавонад.



**17** Дар расми боло чанд ашё бошад, дар росткунҷа ҳамон қадар доирача бикашед. Ва бо ранги дилхоҳ оро диҳед.

Чоркунҷаҳои рақами 1 доштаро бо ранги зард, рақами 2 доштаро бо ранги кабуд, 3 доштаро бо ранги сабз ва 4 доштаро бо ранги сурх оро диҳед.

3 4 1 1 4

2 3 4 2 3

**18** Шумораи пуфакҳои сабзро дар доира ва пуфакҳои сурхро дар чоркунҷа бо гулак ишора намоед.

***Мақсад:*** то адади 2 ҳисоб карданро такрор намудан.



Эзоҳ: Калонсолон пешакӣ пуфакҳоро ранг медиҳанд. Пуфаки духтараки якумро бо ранги сурх, дутояшро бо ранги сабз ва боқимондаро бо ранги кабуд оро диҳед.

**19**

Расми саҳифаи пешинаро бори дигар бодиққат назар намоед. Риштаи пуфакҳоро муқоиса кунед. Дар ин вараќи холӣ аввал расми пуфакеро кашед, ки ресмонаш аз ҳама дароз аст. Баъд аз ҳама кӯтоҳашро бикашед. Пуфакҳоро бо ранги дилхоҳ оро диҳед.

***Мақсад:*** ба кӯдак хати дарозу кӯтоҳро шиносонидан ва дараҷаи пешравии тафаккури мантиқиро муайян кардану ривоҷ додан.

**20** Дар ҳар расм мувофиқи адади ишорашуда меваҳоро бо хатчаҳо ҷудо кунед ва кӯшиш кунед, ки вариантҳо такрор нашаванд.

***Мақсад:*** такрор намудани рақами 5.





**21** Ба расм бодиққат нигоҳ кунед. Кадом ҷонварон ба зодрӯзи хирсак омаданд?

*Мақсад:* шумораи тартибиро ёд додан



**Акнун ба ин саволҳо ҷавоб диҳед:**

Ҷонвари дуюм чист?
Ҷонвари охирин чӣ ном дорад?
Маймун чӣ тӯҳфа овардааст?
Кадом ҷонвар ба хирсак гул медиҳад?
Хонаи хирсак чанд зинапоя дорад?
Хирсак дар зинаи чандум истодааст?
Ҳаво гарм аст ё хунук? Инро аз куҷо фаҳмидӣ?

1 2 3 4 5



22 Расмро бодиққат аз назар гузаронед ва ба саволҳои поён ҷавоб бидиҳед.

***Мақсад:*** бачаҳо мафҳуми дуру наздикро донанд ва чизи дидаашонро дар хотир бигиранд.



Чӣ дуртар аст - харак ё дарахтон?
Дар зери занбуруғ чанд кас нишастаанд?
Чанд нафар футболбозӣ мекунанд?
Дар зери харак чист?
Дар харак кӣ нишастааст?

## Нақшаро аз назар гузаронед.

**23**

Дар кунҷи тарафи рости расм чӣ кашида шудааст?
Дар поёни кунҷи чапи чоркунҷа расми чӣ тасвир шудааст?
Дар боло чӣ?
Дар тарафи поёни рости расм доира кашед.

***Мақсад:*** тафаккури мантиқии кӯдакро инкишоф додан.



Риштаро аз мӯҳра дуруст пур намоед.

**24**

Дар катакчаҳои боқимонда аз рӯйи тартиби овардашуда доирачаҳои хурду калонро кашед.

***Мақсад:*** кӯдак дар дафтар нақша кашиданро ёд бигирад.



## Расмро хуб тамошо кунед.

**25**

Ҳар хона чанд зина дорад?
Хонае, ки аз ҳама камтар зина дорад, хонаи хирс аст.
Хонаи гурба аз ҳама баландтар аст.
Хонаи заррофа 7 зина дорад.
Хонаи фил куҷост?
Соҳибони хонаро бо хонаҳояшон бо хат пайваст намоед.

***Мақсад:*** то 8 ҳисоб карданро ёд додан.









**26** Дар нақша чанд расме, ки бошад, дар зераш ҳамон қадар доирачаро бо ранги дилхоҳатон оро диҳед.

***Мақсад:*** то 9 ҳисоб карданро омӯзонидан.















**27**

Аз ҳар расм то рақами мувофиқаш хат бикашед. Расмҳоро бо рақамҳои мувофиқ пайваст намоед.

***Мақсад:*** такрори аз 1 то 9-ро шумурдан.



1 6

2 7

3 8





4 9

5 10









**28**

Дар ин ҷо чанд доира ҳаст? Кашидани давраҳоро давом диҳед ва шумораи онҳоро ба даҳ расонед.
Сипас, онҳоро бо се ранг – сурх, зард, сабз оро диҳед.

***Мақсад:*** то 10 ҳисоб карданро ёд додан.



**29**

Дар ин ҷо чанд тӯб аст? Кадом 2 тӯб дар як ҳолат қарор доранд?

***Мақсад:*** дараҷаи тараққиёти тахайюлоти кӯдакро санҷидан.



**ТУ АКНУН КАЛОН ШУДӢ!...**

Ҳуруфчин ва тарроҳ - **Дилшод Саидзода**

Муҳаррири техникӣ - **Гулсара Авазова**

Ба чоп 20. 11. 2010 имзо шуд. Андозаи 60x84 1/8. Қоғази офсетӣ.
Чопи офсетӣ. Ҳуруфи Arial Tj. Ҷузъи чопи шартӣ 3,0.
Адади нашр 1000. Супориши № 13. Нархи шартномавӣ.

ҶДММ «Бебок». 734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 17
тел. 2-33-93-49. E-mail: kitob @ bk. ru



ISBN 978-99947-796-1-1